# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 29 феврали 2020 №35 ш. Душанбе

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 тадқиқоти диссертатсионии Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевичро дар мавзӯи «Баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия, роҳбарони илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Улуғхоҷаева Х.Р., тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов З.С., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарипов Б.М., баромади аъзои шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулоса, ки аз ҷониби шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамият ва натиҷаҳои диссертатсияи Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

### ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевичро дар мавзӯи «Баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия ба талаботи пешбининамудаи КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои докторӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.
2. Интишороти доктори фалсафа PhD пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.
3. Ба Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD дода шавад.
4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевичро бо дипломи доктори фалсафа PhD сарфароз гардонад.

Кӣ ҷонибдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ аст, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед докторантро барои бомуваффақият ҳимоя намудани рисолаи докторияш табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям. Бо ҳамин, ҷаласаи шӯро пӯшида эълон карда мешавад.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**

**Котиби илмии шӯрои**
**диссертатсионӣ, номзади илмҳои**
**иқтисодӣ, дотсент** **Саидмуродова М.А.**

29 феврали соли 2020